МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

АКАДЕМИЯИ ВКД ТОҶИКИСТОН

№12 (52),
ДЕКАБРИ СОЛИ 2019
www.avkd.tj
avkdtj@mail.ru

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ




Рӯзи 26-уми декабри соли 2019 дар толори калони "Кохи Сомон"-и Бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат таъкид доштанд, ки соли 2019 бо рӯйдодҳои ниҳоят муҳиму хотирмони худ барои мардуми шарифи Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон соли воқеан таърихӣ буд.

Таъкид гардид, ки татбиқи чорабиниҳои "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" ҷиҳати расидан ба ҳадафи олии мо, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми шарифи кишварамон мусоидат намуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати кишварро вазифадор карданд, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад.

Қайд карда шуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз барои пешрафти соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, татбиқи сиёсати ҷавонон, занон ва оила ва рушди варзиш корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст.

Дар марҳалаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд.

Соли 2019 ба маблағи 500 миллион сомонӣ 130 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо зиёда аз 32 ҳазор ҷойи нишаст ба истифода супорида шуд.

Аз ин шумора 32 муассиса бо қариб 10 ҳазор ҷойи нишаст аз ҳисоби соҳибкорони шаҳрвандони саховатпешаи кишвар ба маблағи беш аз 122 миллион сомонӣ бунёд шуда, ҳиссаи онҳо дар сохтмон ва таъмиру азнавсозии муассисаҳои соҳаи маориф ва дигар бахшҳо рӯз то рӯз афзуда истодааст.

Соли 2020 сохтмони 181 муассисаи таҳсилоти умумӣ дар ҳаҷми 900 миллион сомонӣ бо муҳайё намудани 54 ҳазор ҷойи нишаст пешбинӣ шудааст.

То ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ 128 муассисаи томактабӣ ва 338 муассисаи таҳсилоти умумӣ бунёд гардида, дар маҷмӯъ, 1332 муассисаи таълимӣ ва томактабӣ тармиму таҷдид карда мешавад.

Президенти мамлакат роҳбарону кормандони соҳаи маорифро вазифадор карданд, ки дар баробари чунин дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд. Инчунин, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Вобаста ба ин, Сарвари давлат пешниҳод намуданд, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон карда шаванд.

Забон ойинаест, ки дар он симои пурҷилои миллат равшан инъикос мешавад ва мо бояд ба қадри ин нишонаи ҳастии миллатамон расем ва дар баробари ин, ба омӯзиши забонҳои русиву англисӣ ҳамчун забонҳои муоширати байналмилалӣ эътибори аввалиндараҷа диҳем.

"Мо бояд забони шево ва шоиронаи тоҷикиро мисли модар ва Ватани худ дӯст дорем ва онро ҳамчун гавҳари бебаҳои ҳастиамон ҳифз кунем", - изҳор доштанд Пешвои миллат.

Таъкид шуд, ки аз ин рӯ, ҳар як фарди бедордил бояд барои ғанӣ гардидани забони модарӣ ва омӯхтани забонҳои хориҷӣ кӯшиш кунад, ба мутолиаи китоб диққати аввалиндараҷа диҳад ва ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокии худ саъю талош намояд.

Сардори давлат таъкид карданд, ки таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем.

Пешвои миллат ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби "Тоҷикон"-ро аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда, то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оилаи кишвар туҳфа намоянд.

Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат ба масъалаи таъсиси ҳарчи бештари ҷойҳои корӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ҳунарҳои мардумӣ ва шуғли хонагӣ диққати зарурӣ медиҳад.

Сарвари давлат ба сохторҳои марбутаи давлатӣ барои таҳия ва татбиқи ҳадафҳо дар самти ҳунаромӯзии шаҳрвандон дастури махсус доданд.

Аз ҷумла, Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, инчунин, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шуданд, ки дар муддати панҷ соли оянда шаҳрвандони аз 18-сола болоро, ки касбу ҳунар надоранд, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намуда, ҷиҳати саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ тадбирҳои ҷиддиро роҳандозӣ намоянд.

Дар баробари ин, барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2020-2025 таҳия намуда, ҷиҳати иҷрои он тадбирҳои мушаххас андешанд.

Ҳукумати Тоҷикистон вазъи иҷтимоии табақаҳои осебпазири ҷомеаро ҳамеша дар маркази диққати худ қарор дода, вобаста ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар барои беҳтар намудани шароити онҳо пайваста чораҷӯӣ менамояд.

Дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати кишвар дастгирии молиявии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва оилаҳои камбизоат афзалият дорад ва ин бартарият дар солҳои минбаъда низ боқӣ мемонад.

Дар ҳамин асос ва бо мақсади дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири ҷомеа нафақаи шаҳрвандони маъюби то 18-сола, инчунин, дигар гурӯҳҳои маъюбон, ки кор намекунанд ва ба нигоҳубин эҳтиёҷ дошта, ба онҳо дар асоси Қонун "Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" нафақаи иҷтимоӣ таъин шудааст, Сарвари давлат пешниҳод карданд, ки аз 1 сентябри соли 2020 нафақаи онҳо 50 фоиз зиёд карда шуда, андозаи он ба нафақаи нафақагироне, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ" муқаррар гардидааст, баробар карда шавад.

Тадбири мазкур имкон медиҳад, ки вазъи иҷтимоии қариб 30 ҳазор нафар нафақагир беҳтар гардад.

Инчунин, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани шароити иҷтимоии нафақагирони кишвар пешниҳод гардид, ки аз 1 сентябри соли 2020 ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯи синну сол ва нафақаи заминавӣ, инчунин, нафақаҳои меҳнатии шаҳрвандон 15 фоиз зиёд карда шаванд.

Дар баробари ин, музди меҳнати кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия 15 фоиз ва музди меҳнати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 10 фоиз зиёд карда шавад.

Дар охир Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки мо бояд ба хотири пешрафти давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон - Тоҷикистони озоду маҳбуб минбаъд низ сарҷамъона заҳмат кашем ва барои наслҳои ояндаи халқи худ мулки ободе мерос гузорем, то ки онҳо бо натиҷаҳои заҳмати ватандӯстонаи мову шумо ифтихор намоянд.

**Ба ҳамаи сокинони мамлакат мурочиат мекунам, ки то чашни муқаддасу бузурги 30-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбубамон ҳар як оила ба масъалаи таҷдиду азнавсозӣ, тозаву озода ва ободу зебо гардонидани манзили зист, кӯчаву хиёбон ва ҳамаи маҳалҳои аҳолинишин кӯшиш намояд.**

**Аз Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ**

# Таассуроти амиқ аз тамошои Паёми Пешвои миллат



Чун анъана Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Паёми навбатӣ баромад намуданд.

Дар ҳамин асос ҳайати шахсии Академия дар толори фарҳангӣ бо мароқи том Паёми Пешвои миллатро ба Маҷлиси Олӣ тавассути шабакаи телевизионӣ тамошо намуданд.

Дар Паёми навбатӣ сухан аз дастовардҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ, мустаҳкам намудани пояҳои давлатдории миллӣ, истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ рафта, иброз гардид, ки дар асоси пешрафти иқтисодии кишвар сатҳи зиндагии мардум боз ҳам боло рафта, давлату Ҳукумати Тоҷикистон боз ҳам дар ин ҷода чорабиниҳои мушаххас мегузаронанд.

Ҳайати шахсии Академия аз тамошои дастаҷамъонаи Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ таассуроти амиқ бардошта, тасмим гирифтанд, ки дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣ, бо хониши хубу аъло ва интизоми намунавӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ саҳми босазои худро хоҳанд гузошт.

*С. Сафарова,*
*Ш. Убайдуллоев*

# Дарси кушод

Рӯзи 14-уми декабр дар маҷлисгоҳи Академия дарси кушоди сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Кустанай полковники политсия Бикенов Нурлан Амангелдинович дар мавзӯи "Ислоҳоти политсия дар Ҷумҳурии Қазоқистон" бо иштироки сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ, муовинони сардори Академия, ҳайати профессорону омӯзгорон, адъюктон ва шунавандагони факултети №1, баргузор гардид.

Дарс бо истифодаи технологияҳои муосир баргузор гардида, иштирокчиёни он бо мароқи том бо дастовардҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Кустанай ва ислоҳоти политсия дар ин кишвар шиносоӣ пайдо карда, барои баланд бардоштани савияи илмии худ маълумотҳои навро аз бар намуданд.




Боиси тазаккур аст, ки роботаҳои илмии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Академияи ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Кустанай дар сатҳи баланд ба роҳ монда шуда, бо ибтикори Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ пайваста тадқиқотҳои дуҷониба дар самтҳои гуногуни илмӣ гузаронида мешаванд, ки омӯзгорону профессорони Академияҳои номбурда дар онҳо иштироки фаъол менамоянд.

Ҳамчунин, дар доираи ин гуна ҳамкориҳо айни замон 29 нафар фиристодагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Кустанай таҳсили илм дошта, дар тамоми корҳои ҷамъиятии ин муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвари дӯст иштироки фаъол менамоянд.

*У. Олим*

# МАШҒУЛИЯТ



Дар асоси нақшаи таълимии Академия ва дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро оид ба баланд бардоштани сатҳи ихтисосмандии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, дар заминаи факултети №3 курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси кормандони дастгоҳи оперативии ВКД ташкил карда шудааст. Ба раванди таълим дар курсҳои мазкур, дар баробари устодони Академия, ҳамзамон роҳбарони мақомоту сохторҳои дахлдор ҷалб гардидаанд. Аз ҷумла, санаи 25-уми декабр муовини сардори Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД полковники милитсия Хуршед Раҳмонзода дар мавзӯи "Асосҳои ташкили тактика ва услуби кори оперативӣ" дарс гузаронида, ба шунавандагон доир ба фаъолияти амалии дастгоҳҳои оперативӣ дар ошкор намудани ҷиноятҳо маълумоти муфассал дод. Дарси мазкур аз ҷониби шунавандагон ба хубӣ пазируфта шуда, бо саволу ҷавоб анҷом ёфт.

Тазаккур бояд дод, ки бо иқдоми сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ мунтазам ба раванди таълим роҳбарони бахшу воҳидҳои гуногуни мақомоти корҳои дохилӣ ҷалб карда мешаванд, ки ин иқдом дар кори азхуд намудани фанҳои таълимӣ самараи хуб медиҳад.

*Б. Асламов*

**Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд.**

**Аз Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ**

## Хатмкунандагон соҳиби сертификат шуданд



Аз 18-уми ноябр то 18-уми декабр, дар заминаи кафедраи такмили ихтисоси факултети №3 кормандони самти Раёсати мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба дарс ҷалб гардиданд.

Баъд аз хатми курси якмоҳа, санаи 18-уми декабр бо иштироки муовини аввали сардори Академия генерал-майори милитсия Кабирзода Ҷурахон Ҳаким маросими тантанавии супоридани сертификатҳо ба хатмкунандагони курси такмили ихтисос баргузор гардид.

Муовини аввали сардори Академия зимни супоридани сертификатҳо хатмкунандагонро ба ин муносибат табрик гуфта, ба онҳо дар кори амалӣ комёбиҳо таманно намуд.

*Ҳалимзода Д.Д.*

## Ғалабаи навбатии курсантдухтари Академия дар Ҷоми ҷаҳон



Миҷгона Самадова аз зумраи курсантдухтарони фаъоли Академия буда, бо баҳои хубу аъло ва интизоми намунавӣ таҳсил мнамояд. Ӯ ҳамчун як фарди ватандӯст ва содиқ ба касби пешанамудаи худ варзишгари боистеъдод буда, борҳо дар бозиҳои сатҳи байналмилалӣ парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баланд бардоштааст. Ин навбат низ рӯзҳои 10-15-уми декабр дар шаҳри Белоярски Федератсияи Руссия ба хотираи гиромидошти Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ Фармон Салмонов мусобиқаи 17-уми Ҷоми ҷаҳон оид ба бокси касбӣ баргузор гардид. Дар мусобиқаи мазкур намояндагони 26 давлати дунё иштирок намуда, Тоҷикистонро дар ин чорабинии сатҳи баланд курсанти курси 3 факултети №2 Миҷгона Самадова муаррифӣ намуда, соҳиби ҷойи дуюм ва медали нукра гардида, шарафи ВКД ва Академияро боло бардошт.



Қайд кардан ба маврид аст, ки роҳбарияти ВКД ва Академия пайваста бахри тарбия ва обутоби ҷисмонии ҳайати шахсӣ кӯшишҳо ба харҷ медиҳад, ки натиҷаи он дар амал дида мешавад.

*Б. Асламов,*
*С. Сафарова*

## Табрикоти ҳамкорон



19-уми декабр дар Шӯрои диссертатсионии Д 203.002.08 Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Руссия дар шаҳри Маскав зери роҳбарии номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Захватов Игор Юрйевич унвонҷӯ, омӯзгори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон майори милитсия Ҳайдарзода Зафар Пирмаҳмад диссертатсияи номзадии худро дар мавзӯи "Асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқовимат ба савдои одамон" бо ихтисоси 12.00.11 - фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва ҳуқуқҳифзнамоӣ, ҳимоя намуд.

Роҳбарият, ҳайати шахсӣ ва тағйирёбандаи Академия ба муносибати ҳимоя намудани диссертатсия бо самимияти саршор ӯро табрик гуфта, пирӯзиҳои нав ба нав, пешрафт, саодати рӯзафзуни рӯзгор ва дар корҳои илмӣ-тадқиқотии минбаъдаи ин ҳамкори худ комёбиҳои беназир таманно доранд.

## Муборакбод



23-юми декабр дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи ВКД Федератсияи Руссия дар шаҳри Санкт-Петербург адъюнкти Донишгоҳи мазкур, омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон капитани милитсия Сулаймон Музаффаров зери роҳбарии номзади илмҳои ҳуқуқ, профессор Епифанов Борис Василевич диссертатсияи номзадии худро дар мавзӯи "Интситути доғи судӣ дар қонунгузориҳои ҷиноятии Тоҷикистон ва Руссия" (тахассусаш 12.00.08 - ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) ҳимоя намуд.

Ҳайати шахсии Академия аз хушхабари дар арафаи Соли нави мелодӣ гирифтаи худ, яъне ҳимоя намудани рисолаи номзадии Сулаймон Музаффаров, изҳори хушнудӣ намуда, мавсуфро бо ҳимояи бомуваффақияти рисолаи номзадӣ табрику муборакбод гуфта, ба ӯ дар корҳои илмию эҷодӣ ва касбиаш комёбиҳо таманно менамоянд.

***Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр***

Агар хурсанд шудан хоҳӣ, бояд ба ақидаи "ҳаёт дар ҷисм не, дар рух аст" бовар бикунӣ.

Лев Толстой



**Мардуми мамлакат барои иҷрои ниёзҳои динии худ дар як муддати кӯтоҳи соҳибистиқлолӣ зиёда аз 5 ҳазор масҷид бунёд карданд. Акнун вақти он расидааст, ки маъракаи бунёди мактабҳо ва боғчаву кӯдакистонҳоро вусъат бахшида, дар ин кори хайр ҳама якҷо саъю талош кунем ва саҳми худро барои ояндаи давлату миллат гузорем, яъне ғами фарзандонамонро хӯрем.**

**Аз Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ**

# Фаъолнокии курсантон дар машқҳои оперативӣ-тактикӣ

Дар асоси нақшаи таълимӣ ва фармоиши сардори Академия, моҳи декабр машқҳои оперативӣ-тактикии курсҳои 5-уми факултетҳои №2 ва №5 гузаронида шуд. Дар машқҳои оперативӣ-тактикии мазкур шунавандагони факултети №1 ва кормандони амалии Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД, ки ба курсҳои такмили ихтисос ҷалб шуда буданд, фаъолона ширкат намуда, ба курсантон барои тарзи дурусти ташкили фаъолияти оперативӣ-хизматӣ дастурҳои мушаххас доданд.



Ҳамчунин, онҳо то охир машқҳои оперативӣ-тактикиро назорат карда, ба роҳбарияти Академия иттилоъ доданд, ки аксари курсантон ба моҳияти машқҳои мазкур сарфаҳм рафтанд.

Дар баробари ин, ба машқҳои оперативии мазкур кормандони Хадамоти кинологии ВКД ва сагҳои хизматӣ барои дарёфт намудани маводҳои ҷиноятқорони эҳтимолӣ сафарбар гардиданд.

Дар рафти машқҳои оперативӣ-тактикӣ курсантон бо кори амалии шуъбаҳои милитсия оид ба ҷамъоварию таҳлили маълумот, фаъолияти қисми навбатдорӣ, мураттабсозии парвандаҳо ва ташкили



кори дурусти Шуъбаҳои ВКД шиносоӣ пайдо намуда, аз санҷиши устодони ботаҷриба гузаштанд.

Курсантони курси 5-ум пас анҷоми машқҳои оперативӣ-тактикӣ ва супоридани санҷишу имтиҳонот, ба таҷрибаомӯзии амалӣ ба Шуъбаҳои ВКД дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарбар карда шуданд.

***С. Сафарова,***
***Ш. Убайдуллоев***

# Алоқамандии илми криминалистика бо илми мурофиаи ҷиноятӣ

Алоқамандии илми криминалистика бо илми мурофиаи ҷиноятӣ яке аз намудҳои баамалбарории ҳокимияти давлатӣ буда, хусусияти он ба вазифаи махсусе, ки аз доираи мубориза алайҳи ҷиноят бармеояд, бо илми криминалистика вобастагии амалӣ дорад. Ин алоқамандӣ бо воситаҳои меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавӣ-ҷиноятӣ ба танзим даровarда шуда, аз лаҳзаи гирифтани маълумот дар бораи ҷиноят ва тамоми ҷараёни мурофиаи парвандаи ҷиноятӣ сурат мегирад.

Фаъолияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ин маҷмӯи ҳаракатҳои ҷудогона буда, "силсилаи як занҷир" тартиби ба ҳам алоқаманд ва пай дар пай гузаронидани ҳаракатҳои мурофиавӣ мебошад, (оғози парвандаи ҷиноятӣ, гузаронидани ҳаракатҳои тафтишӣ оид ба ҷамъ намудани далелҳо, ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда, пурсиши айбдоршаванда).

Ҳангоми гузаронидани тафтиши пешакӣ, баррасии парванда дар суд ва ҳатто баъди баровардани ҳукм дар ҳаракатҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои ҳуқуқӣ иҷро мегарданд, шаҳрвандон (айбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳид, шахсони холис ва дигарон) намояндагони ташкилотҳо иштирок мекунанд.

Ҳамин тавр, алоқамандии илми криминалистика бо илми мурофиаи ҷиноятӣ маҷмӯи муносибатҳои байниҳамдигарии мақомоти давлатие, ки масъули бурдани парвандаи ҷиноятианд, бо намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон ва дигар иштирокчиён ҳангоми иҷрои вазифаҳои мурофиаи судӣ-ҷиноятӣ мебошад, ки дар қонуниятҳои криминалистика ва қонуни мурофиавӣ-ҷиноятӣ муқаррар гардида, бо принсипи демократӣ асоснок шудаанд.

Барои муайян намудани мазмуни алоқамандии илми криминалистика бо мурофиаи ҷиноятӣ тавсияи вазифаҳои он аҳаммияти муҳим дорад. Ҳангоми таҳлили он муайян кардан мушкилоте надорад, ки қонунгузор дар алоқамандии илми криминалистика бо илми мурофиаи ҷиноятӣ вазифаи мурофиавӣ-ҷиноятиро тавсия намуда, онро ба ду гурӯҳ тақсим кардааст:

Ба гурӯҳи якум дохил мешаванд:




- зуд ва пурра ошкор кардани ҷиноятҳо бо истифодаи қонуниятҳои криминалистика ва воситаҳои криминалистикӣ (муайян кардани ҷиноят ва шахси онро содиркарда);
- фош намудани гунаҳкорон (ба даст овардани далелҳои кофӣ ва шайъӣ барои хулоса баровардан оид ба гунаҳкор ва ё бегуноҳ будани шахс);
- таъмини дурусти татбиқ карда шудани қонунҳои ҷиноятӣ;
- таъин кардани ҷазои одилона нисбати гунаҳкор ва ё озод кардани вай аз ҷазо дар ҳолатҳои қонун пешбинӣ карда шуда;
- мустаҳкам кардани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ;
- пешгирӣ ва решакан кардани ҷиноят;
- муҳофизати манфиати ҷамъият; ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон;
- тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эътироф ва риоя намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва ҳурмат кардани қонунҳои ҷамъиятӣ.

Баробари қабул карда шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати аниқ намудани алоқамандии илми криминалистика бо илми мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодии шахсро муқаддас шуморидааст, ки он аз қонунҳои байналмилалии эътирофнамуда бармеояд. Бечунучаро ин вазифаро дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ ва судӣ ба зиммаи ҳокимияти судӣ, прокуратура ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузошта шудааст. Дар ин ҷумла дар мурофиаи ҷиноятӣ мақомоти корҳои дохилӣ, дар симои муфаттишон ва мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ, ҷойи муҳимро дорост.

Дар вақти азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, мутобиқи қисми 3 моддаи 183 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз тарафи таҳқиқбаранда ё муфаттиш дар ҳолати пешбурди тафтишоти пешакӣ ё таҳқиқ ҳангоми азназаргузаронӣ андозагирӣ, аксбардорӣ, сабти овоз ба навори видео гирифтан, нақшакашӣ ва тарҳрезӣ анҷом дода мешавад.

Қолаб ва нусхаи изу пайҳо ба воситаҳои техникӣ-криминалистӣ дарёфт намуда гирифта мешавад. Ин яке аз алоқамандии илми криминалистика бо илми амалии ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Мутобиқи моддаи 186 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муфаттиш дар ҳолати гузаронидани шаҳодаткунонӣ бо техникаҳои криминалистӣ, азназаргузаронии шахси зиндаро истифода мебарад. Ин яке аз алоқамандиҳои илми криминалистика бо илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Мутобиқи моддаи 188 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ, гузаронидани озмоиши тафтишотӣ, моддаҳои 190-194 - кофтуков, моддаҳои 197-203 - пурсиш, моддаи 204 - рӯбарӯкунӣ, моддаи 205 - нишон додан барои шинохтан, моддаи 207 - санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса аз тарафи муфаттиш бо ёрии мутахассиси соҳаи криминалистика техника ва воситаҳои криминалистика истифода бурда мешавад. Ин алоқамандии илми криминалистика бо илми мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки илми криминалистика бевосита барои тафтишоти ҷиноятҳо ва гузаронидани ҳаракатҳои тафтишотӣ дар асоси қонуниятҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ татбиқ карда мешавад ва бо мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманд мебошад.

***Аҳмадзода Х.З.,***
***корманд-мутахассиси кафедраи фанҳои ҳарбӣ-хизматии факултети №4,***
***сержанти милитсия***

**Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, роҳбарони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки минбаъд ҳар сол озмуни "Фурӯғи субҳи донои..."-ро аз рӯи се самт: якум - миёни тарбиягирандагон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ; дуюм - таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва сеюм - дар байни калонсолон васеъ ба роҳ монанд.**

**Аз Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ**

# Омили пешрафту тараққии давлат

Тавре ҳамагон огоҳанд, об ягона моеъ аст, ки тараққиёти ҳар як кишвар аз он вобастагии калон дорад. Хусусан, дар масъалаи гидроэнергетика нерӯи об аз ҳама асосӣ мебошад.

Хушбахтона дар кишвари мо имрӯз нерӯгоҳҳои азим кор карда истодаанд. Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои об ва истеҳсоли нерӯи барқ имконияти хуберо дорост. Тавре давлатҳои Руссия, Чин, Парагвай, Норвегия, Бразилия, Канада, ки дар ҷаҳон ҳамчун пешсафони истеҳсоли қувваи барқи обӣ махсуб меёбанд, Тоҷикистон низ дар қатори онҳо шомил шуда метавонад. Об ва нерӯи барқ дар ҷаҳон аз ҳама муҳим буда, ҳамагон бояд аз ин сарвати бебаҳо самаранок истифода намоянд ва барои рушду пешрафти мамлакат пайваста кӯшиш ба харҷ диҳанд. Обро бояд ҳифз кард, ки он қиматтарин ганҷи рӯйи Замин аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обии энергетикӣ буда, дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро ишғол менамояд. Захираҳои потенсиалии барқи обии ҷумҳурӣ 527 миллиард квт. соатро ташкил медиҳад.

98 фоиз қувваи барқ дар Тоҷикистон тавассути об ҳосил шуда, баробар ба тақрибан 94 фоизи таъминоти умумии солонаи барқ мебошад. Бояд гуфт, ки Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои обӣ дар минтақа ҷойи аввалро ишғол менамояд, аммо, айни замон, тақрибан 5 фоизи иқтидори техникиву иқтисодӣ тавассути 17 нерӯгоҳи калони обӣ-барқӣ ва зиёда аз 150 нерӯгоҳи хурд мавриди истифода қарор доранду халос.

Бештари қувваи барқ дар тобистон бо зиёд шудани ҷараёни об дар дарёҳо истеҳсол мешавад. Истеҳсоли барзиёди қувваи барқ асосан тавассути роҳкунии оби зиёдатӣ танзим мегардад.

Қисми зиёди иқтидори гидроэнергетикӣ барои коркард ва истеҳсоли алюминий, ки тақрибан 40 фоизи истифодаи умумии баркро ташкил медиҳад, истифода бурда мешавад.

Истеҳсоли гидроэнергетикӣ ба сифати об таъсири бевосита намерасонад, аммо ҳамаи обанборҳое, ки дорои ҳаҷми тақрибан 700 километри мураббаъ мебошанд, ба бухоршавӣ майл доранд.

Дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ зиёда аз бист созишномаи байналмилалӣ ва эъломияҳо барои ҳамкорӣ дар масъалаҳои обӣ ва обиву энергетикӣ амал мекунанд, ки асоси хуберо барои муколамаи самарабахшу ҳамкорӣ байни мамолики минтақа ташкил медиҳад.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон агрегати якуми Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун", ки санаи 16-уми ноябри соли 2018 расман мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд ва ба кор шурӯъ намуд, ки Тоҷикистон соҳиби қувваи барқ гардид. Ин неъмати бебаҳо, ки Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ соҳиби қувваи барқи худӣ гардид, ин дастовард ба ҳар хонаводаи тоҷику тоҷикистонӣ хурсандиву шаҳомати беандоза овард. Инчунин, боз ҳам ба як рӯзи таърихии хотирмон ва хурсандӣ расидем, ки санаи 9-уми сентябри соли 2019 бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон агрегати дуюми Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ба кор дароварда шуд, ки ба 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азиз рост омад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон дар ин чорабинии бошукӯҳ ҳамватанонро бо ин рӯйдоди таърихӣ табрик гуфта, чунин изҳор доштанд:

"Ин аст неъмати бузурги Истиқлолият, ин аст ифтихори миллати куҳанбунёди тоҷик, ин аст сарҷамъӣ, ин аст сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, ин аст тинҷию оромии кишвари азизамон, якпорчагии миллат, аз як гиребон сар баровардани миллатамон мебошад. Мо бояд барои боз ҳам беҳтару хубтар кардани зиндагии шоистаи халқамон якҷоя кӯшиш намоем ва ба оянди миллати худ давлати пешрафтаю тараққикарда ва обод гузорем".

*Н. Абдусатторзода,*
*муаллими кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №4,*
*майори милитсия*

# Кафили зиндагии шоиста

Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" иншооти ҳаётан муҳимму стратегии мамлакат ба ҳисоб рафта, тавлидкунандаи нури ҳар як хонадони кишвар маҳсуб меёбад. Чунки баъди пош хӯрдани давлати Шӯравӣ мушкилоти асосӣ ва ҳалталабе барои кишвари мо ба миён омад, ки ин ҳам норасоии нерӯи барқ буд. Аз ин рӯ, роҳи ягонаи наҷот, сохтани иншооти бузурге ба мисли НОБ-и Роғун буд. Маҳз бо дастгирӣ ва талошҳои шабонарӯзии фарзанди фарзонаи миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва халқи заҳматкаши тоҷик, ки дорои нерӯи бузургу иродаи тавоноaccess, ҷиҳати барқарорсозии махзани нури Тоҷикистон камари ҳиммат бастанд.

Миллати тоҷик бунёди Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун"-ро дар тафаккури худ ҳамчун афсонаи асотирӣ мепиндоштанд, аммо иродаи қавии Пешвои миллат ва ҳамгироии мардуми Тоҷикистон ин афсонаро ба ҳақиқат табдил дод. Мардуми тоҷик бори дигар ба ҷаҳониён қудрату тавоноии худро нишон дода, исбот намуд, ки ҳар як фарди он метавонад аз як гиребон сар баровардa, баҳри ояндаи дурахшони Ватани хеш бо дасту дили пок ин гуна кохи нурро сохта, хонадони ҳар як тоҷикистониро чароғон кунад. Маҳз бо ташаббусҳои созанда, иқдомҳои наҷиби ҳар фарди баору номусу ватандӯст бобати сахмгирӣ дар бунёди нерӯгоҳ хонадони мардуми тоҷик чароғон гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо умедворӣ доим дар суханрониҳояшон таъкид менамуданд, ки "он рӯз дур нест, ки дар партави нури Роғун парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол ва тоҷи заррини давлати тоҷикон ҷилои тозае хоҳад гирифт".



Ҳамакнун, он ниҳоли меҳнату машаққатҳои мардуми тоҷик меваи шаҳдбори худро дода истодааст, ки дар таърихи 29-уми октябри соли 2016 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон худ савори булдозери вазнин шуда, аз соати 10-и субҳ то 11:30 дақиқа - муддати якуним соат бо пеш кардани сангу шағал маҷрои дарёи Вахшро баста, ба бунёди сарбанди Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ҳусни оғоз бахшиданд.

Нерӯгоҳи "Роғун" аз 6 агрегат иборат буда, ҳар як агрегати он дорои 600 МВ ва баландии сарбанди он 335 метр мебошад. Ин нерӯгоҳ ҳангоми пурра ба кор даромаданаш дар як сол метавонад то 17 миллиард кВт-соат нерӯи барқ истеҳсол кунад.

Қобили зикр аст, ки дар ин иншооти аср қариб 22 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ба кор машғул мебошанд. Ҳамзамон, зиёда аз 3600 техника ва мошину механизмҳо сафарбар карда шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар Рӯзи Президенти Тоҷикистон, инчунин дар Рӯзи баргузории Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне 16-уми ноябри соли 2018 дар вазъияти тантанавӣ агрегати якуми НОБ-и Роғун бо ҳузури Пешвои миллат ва меҳмонони оликадр ба истифода дода шуд. Бояд гуфт, ки баъди интизориҳои зиёд орзую ҳаваси деринаи мардуми шарифи Тоҷикистон амалӣ гашт. Зеро халқи тоҷик солиёни зиёд аз норасоии нерӯи барқ ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ мешуданд. Ҳоло бошад, халқи заҳматкаши мо ин ҳама душвориҳоро бо меҳнати худ паси сар намуд.

Акнун, агрегати дуюми Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" санаи 9-уми сентябри соли 2019 - дар рӯзи ҷашни 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аҳли зиё, меҳмонон ва мутахассисону коргарон ба истифода дода шуд, ки барои мардуми тоҷик як туҳфаи арзанда баҳри наслҳои оянда ҳамчун мерос тақдим карда шуд. Бояд тазаккур дод, ки ин санаи таърихӣ барои халқи тоҷик ид болои ид мебошад. Мо баъди ифтитоҳи НОБ-и Роғун ба чунин натиҷа расидем, ки ин ҳама натиҷаи тафаккури созандагӣ, эҷодӣ ваояндабинона, инчунин иродаи қавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Инчунин, қайд намудан ба маврид аст, ки дар саҳифаҳои таърихи навини тоҷикон ин рӯйдоди таърихӣ вокеан беназир мебошад. Дар ин рӯзҳои фараҳбахшу хотирмон қалби ҳар як фарди баору нанги тоҷикро меҳру муҳаббати ватандӯстӣ фаро гирифта, ғурури меҳанпарастии онҳо даҳчанд гашта, дар хонадонашон шодиву нишот ҳадду канор надорад. Мо, ҳама сокинони кишвар, бахусус ҷавононро мебояд, ки тавре калонсолони мо имрӯз араки ҷабин рехта, баҳри мо, насли ҷавони кишвар, сангро болои санге ниҳода, Роғунро сохта ба мо тақдим карданд, мо низ, насли ҷавон, пайравӣ ба Пешвои худ намуда, чун фарзанди баору номуси Ватан ҳама якдилу якҷон пайи ободии Тоҷикистони биҳиштосо бошем.

*Ф. Холов,*
*муаллими кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2,*
*лейтенанти милитсия*

**Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем.**

**Аз Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ**

# Дастоварди беназири замони Истиқлолият



Новобаста ба вазъияти сиёсӣ, бӯҳрони иқтисодӣ ва дигар омилҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлол гардидан ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. Ин пешравиҳоро аз симои пойтахт - шаҳри Душанбе сар карда, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Яке аз чунин дастовардҳои муҳимми замони Истиқлолият, ки ҳатто давлати абарқудрати Шӯравӣ амалӣ карда натавониста буд, сохтмон ва ба кор даровардани Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" мебошад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба кор андохтани агрегати дуюми ин иншооти бузург қайд карданд, "...на мутахассисони хориҷиву дохилӣ ва ҳатто худи ман фикр мекардам, ки оё мо аз уҳдаи сохтмони ин баромада метавониста бошем ё не?"

Хушбахтона, тақдири халқи заҳматкаши Тоҷикистон баландӣ карда, бо кӯшишҳои шабонарӯзӣ, сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ва сарҷамъии мардум агрегати дуюми нерӯгоҳи мазкур ба кор андохта шуд, ки боиси рушди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон хоҳад гардид. Ҳамзамон, бо пурра ба кор андохтани Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" барои амалисозии яке аз чор ҳадафи стратегӣ, яъне "истиқлолияти энергетикӣ" мусоидат менамояд.

Нерӯгоҳи мазкур дар Осиёи Марказӣ калонтарин буда, сохтмони он соли 1976 сар шуда буд. Иқтидори лоиҳавии НБО Роғун ба 3600 МВт баробар буда, он аз 6 агрегати 600 МВт ва баландии сарбанди он 335 метр муайян гардида, дар ҳолати пурра ба кор даромаданаш дар як сол метавонад то 17 миллиард кВт-соат барқ истеҳсол намояд.

Оид ба сохтмони НБО Роғун соли 2005 байни Тоҷикистон ва ширкати "Русал"-и Федератсияи Руссия шартномае имзо шуда буд, вале он амалӣ нагардид. Тоҷикистон 29-уми августи соли 2007 он шартномаро бекор ва азми мустақилона бунёд намудани ин иншооти азими асрро кард. Бо ин мақсад ҷамъияти саҳҳомии кушодаи "Нерӯгоҳи барқи обии Роғун" таъсис дода, Оинномаашро 15-уми апрели соли 2008 тасдиқ намуд.

Ҳамин тавр, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкати сохтмонии "SALINI LMPREGILO"-и давлати Италия барои сохтмону ба кор даровардани ду агрегати нерӯгоҳи "Роғун" қарордод ба имзо расонид. Дар ин иншооти муҳимми аср зиёда аз 22 ҳазор нафар мутахассисону коргарон машғули кор гардиданд.

Бо маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ сохтмони НБО Роғун ва обанбори он тахминан 3 сол аз санҷиши ҷиддӣ гузаронида шуда, барои муҳити атроф ва экологияи минтақа безарар арзёбӣ карда шуд.

Дар таърихи 29-уми октябри соли 2016 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон худ савори булдозери вазнин давоми якуним соат бо пеш кардани сангу шағал маҷрои дарёи Вахшро баста, ба бунёди сарбанди Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" оғоз бахшиданд.

Боиси қайд аст, ки тарҳи НБО Роғун на танҳо ба манфиати Тоҷикистон, балки ба фоидаи дигар давлатҳои минтақа низ мебошад, ки ҷумҳуриҳои ҳамсоя дар оянда имкон доранд аз нерӯи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза, самаранок истифода намоянд.

***Валӣ Раҳимов,***
***курсанти курси 3 факултети №2***

# Уфуқи фардои дурахшон

Бо шарофати сиёсати оқилонаю дурандешона ва созандаю бунёдкоронаи Сарвари давлат мо дар роҳи бунёди давлати миллӣ ва соҳибистиқлоли худ ба комёбиҳои чашмрас ноил гардидем. Чанде қабл дар ҳаёти мардуми шарафманди Тоҷикистони соҳибистиқлол боз як саҳифаи нав оғоз гардид, ки баҳри таҳкими иқтисодиёт ҳамчун рукни асосии давлатдории миллӣ ва амалӣ гардонидани ҳадафи стратегии расидан ба истиқлолияти энергетикии мамлакат ба сарбанди НБО "Роғун" пойдевори асосӣ гузошта шуда буд. Бунёди ин иншооти бузурги аср бо иқтидори 3600 мегаватт ва ғунҷоиши 13,3 километри мукааб об аҳамияти минтақавӣ дошта, барои ҳаллу фасли масъалаҳои обу энергетика дар Осиёи Марказӣ нақши арзишманд мегузорад.

Ҷоиз ба зикр аст, ки давлату Ҳукумат тӯли солҳои Истиқлолият баҳри расидан ба мустақилияти энергетикӣ нерӯгоҳҳои хурду бузург, аз қабили "Помир-1", "Сангтӯда-1", "Сангтӯда-2", хатти интиқоли барқи баландшиддати"Ҷануб-Шимол", хатти интиқоли барқи 220-киловолтаи"Лолазор-Хатлон" бунёд намуда, имрӯз дар идомаи ин ташаббусҳои наҷиб оғози корҳои сохтмони сарбанди Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" боиси сарфарозии сокинони кишвар гардид.



Бунёди ин иншооти энергетикии арзишманд иқдоми оқилонаву самаранок ва фоидаовару безарари истифодаи захираҳои обу энергетика ба шумор меравад. Зеро масъалаи таъмини сарфаҷӯёнаи энергия, кам кардани талафоти он ва доир ба рушди манбаъҳои алтернативии энергия андешида шудани чораҳои муассир талаботи замон аст. Боиси хурсандист, ки зимни татбиқи ташаббуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид "энергияи устувор барои ҳама" Тоҷикистон дар қатори 5 мамлакати дунё ба ҳайси кишвари пешсаф пешниҳод шудааст.

Тоҷикистон кишварест дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ, яъне 1527 миллиард квт. соат ва истифодаи оқилонаи онҳо метавонад имконияҳои моро доир ба таъмини рушди иқтисодӣ афзун гардонад.

Таърихи тӯлонӣ ва пуршебу фарозе башар собит месозад, ки рушди илму техника ва татбиқи бозёфтҳои навтарин ба фаъолияти созандаи инсоният вобастагии калон дорад. Ҷавҳари асосии инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ бошад, ба бунёди ҳамин гуна иншооти барои халқу миллат муҳим алоқамандии ногусастанӣ пайдо намудааст ва бевосита ба корҳои бунёдӣ ҷалб гардидани технологияҳои беҳтарину навтарин барои анҷоми босифати иншоот кумак мерасонад. Бо боварии комил гуфта метавон, ки пас аз пурра оғоз ёфтани фаъолияти Нерӯгоҳи барқӣ-обии"Роғун" ҳаёти сокинони кишвар ба куллӣ тағйир ёфта, кишвари мо ба сӯйи дурахшандагиву тараққиёт қадамҳои устувор мегузорад.

Ман, ин соат дар паси мизи курсантӣ нишаста, муҳаббат ва садоқати хешро нисбат ба Ватани азизам изҳор медорам. Орзу дорам, ки соҳибистиқлолии кишварам поянда ву халқи заҳматкаши тоҷик сарбаланд бошад. Ҳамеша ба ободонӣ, бунёдкориву созандагӣ ва комёбиҳо ноил гардад ва ман дар оянда чун мутахассиси соҳибкасб барои тараққиёти Ватанам саҳми худро гузорам.

***Дилноза Ғафурӣ,***
***курсанти курси 3 факултети №4***

**Вазъи сиёсии тағйирёбандаи сайёра ва минтақа омодабошии ҳарбӣ ва тайёрии доимии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳро тақозо менамояд.**

**Хизматчиёни ҳарбиро зарур аст, ки ҳушёриву зиракии сиёсиро ҳаргиз аз даст надиҳанд ва донишу малакаи касбии худро пайваста баланд бардошта, барои рафъи ҳолатҳои фавқулодаву ғайричашмдошт ҳамеша омода бошанд.**

**Ҳамчунин, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ вазифадор карда мешаванд, ки риояи интизоми ҳарбӣ, низоми тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо, идоракунии ҷузъу томҳои ҳарбӣ, огоҳсозӣ ва робитаи байниҳамдигариро доир ба вазъи фаврӣ пайваста такмил дода, ба масъалаи ҳифзи амнияти инфрасохтори низомӣ бисёр ҷиддӣ муносибат намоянд.**

**Аз Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ**

# Терроризм ва экстремизм - зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ

Дар олами муосир хатари терроризм ва гурӯҳҳои ифротгаро яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои сиёсӣ буда, омилу хусусият ва харобаҳои он аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногун мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Ин раванди номатлуб ҷомеаи башариро нигарон намуда, баҳри пешгирии омилҳои террористӣ тамоми омилҳо, сабабҳо ва дарёфти роҳу усулҳои самарабахши мубориза алайҳи терроризмро пайдо хоҳанд намуд. Ба ин маънӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи ин масъала талаби замон мебошад. Агар одамон ба масъалаҳои терроризм ва муборизаи зидди он бевосита пайваст набошанд ҳам, тавассути омил ва ё субъекти дигаре ба масъалаҳои мухталифи терроризм ва шаклҳои экстремизми сиёсӣ алоқаманд гашта, мавқеи худро муайян менамоянд.

Аз ин рӯ, дар тамоми ҷаҳон марказу пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ ба омӯзиши ин зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ равона мебешанд. Дар ин радиф ҷараёни экстремизм ва терроризми сиёсӣ пешсаф аст. Экстремизми сиёсӣ аслан аз идеяи фаъолияти канорае таркиб ёфтааст, ки одатан тавассути зӯроварӣ барои воқеӣ гардонидани ҳадафҳои сиёсӣ истифода мешавад. Илова бар ин, экстремизми сиёсӣ бо тамоми зуҳуроташ ҳамчун ҷараёни иҷтимоӣ аён гашта, доираи васеи кишвару минтақаҳои оламро фаро гирифта, ба мушкилоти мудҳиши умумибашарӣ табдил ёфтааст. Аз ин хотир, зарурати дарки амиқ ва фаҳмиши васеъ ва ҳамаҷонибаи он пеш меояд. Бинобар ин, таҳқиқ ва баррасии экстремизм зинаи аввали инкишофи гурӯҳҳои канориро ташкил менамояд.

Экстремизм аз вожаи фаронсавии "extremisme" ва лотинии "extremus" гирифта шуда, маънои луғавиаш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад гузаштан, аз андоза гузаштанро дорад. Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравию тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон - дар дин, сиёсат, идеология, илм ва ҳатто дар варзиш низ ба миён ояд.

Ба ин маънӣ, дар тӯли чанд даҳсолаи охир диққати олимони диншинос ва сиёсатшинос ба ислом ва нақши он дар равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар кишварҳое, ки аксари аҳолии онҳоро мусулмонон ташкил медиҳанд, равона карда шудааст. Сабаби асосии чунин таваҷҷуҳ афзоиш ва шиддат ёфтани таъсири ислом ба сиёсати ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ мебошад. Хусусан, дар охири солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-уми асри гузашта дар тамоми кишварҳои Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ раванди сиёсишавии ислом ва исломишавии сиёсат оғоз ёфт. Сабаби асосии таҳкими чунин мақом дар сиёсати ин кишварҳо дар он мебошад, ки ислом метавонад ва қодир аст ҳамчун як низоми том ва мукаммали динӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти фардӣ ва иҷтимоиро ба танзим дароварад ва идора намояд. Барои таҳкими нақши ислом дар сиёсати ин кишварҳо, инчунин ақоиди анъанавӣ дар бораи ягонагии дин ва давлат, пайванди ҳаёти дунявӣ ва динӣ, ки дар шуури ҷамъиятии миллатҳои мусулмон хеле амиқ реша давонидааст, низ нақши хеле муҳимро мебозад. Ақидаҳои мазкур алалхусус дар байни аъзои ҳаракату ҳизбҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ, ки барои бо ормону меъёрҳои исломӣ мутобиқ сох-тани сиёсати давлатӣ ва ҳаёти ҷомеа мубориза мебаранд, хеле роиҷ буда, ҳаматарафа таблиғу ташвиқ карда мешавад. Хусусан баъди суқути Шӯравӣ ҷуғрофиёи амалкарди созмону ҳаракатҳои навбаромади диниву сиёсӣ вусъат ёфта, бархеи онҳо дар кишвару минтақаҳои мусулмоннишини пасошӯравӣ роҳ ёфтанд. Омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур, яъне падидаи сиёсишавии ислом, таъриху идеологияи созмону ҳаракатҳои диниву сиёсии исломӣ барои муҳаққиқони ҷомеашиноси тоҷик аз он сабаб зарур мебошад, ки тавассути он мо бо ин падидаҳои нави диниву сиёсӣ аз наздик шинос шуда, ҳадафҳои диниву сиёсии онҳоро дуруст баҳо дода метавонем. Ҳамчунин, аз тариқи омӯзиши бонизоми ин масъала чигунагии таносуби байни ҳадаф ва идеологияи созмону ҳаракатҳои нави диниву сиёсӣ аз як тараф ва арзишҳои динӣ, миллӣ ва сиёсии Тоҷикистон аз тарафи дигар, муайян карда мешавад. Аз ин сабаб мо бояд дар раванди омӯзиш таърих ва идеологияи ин созмону ҳаракатҳоро дуруст муайян намоем ва кадоме аз ин ҳаракатҳо бо набзи ҳаёти диниву сиёсии ҷомеаи кишварамон мувофиқ ва кадомашон мухолифу хатарнок аст, аз бар намоем. Ҳамчунин, натҷаҳое ки аз таҳқиқи ин масъала ба даст оварда мешаванд, барои матраҳ кадани усулҳои илмиву амалии муносибати ҳуқуқӣ бо чунин падидаҳо ва ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ пешниҳод кардани тавсияҳои заруриву саривақтӣ кумак мерасонанд.

Албатта, дар чаҳорчӯбаи як мақола фаро гирифтан ва таҳқиқ кардани таъриху идеологияи тамоми созмону ҳаракатҳои муосири диниву сиёсӣ аз имкон берун аст. Аз ин сабаб, мо дар матлабамон ба таври умумию мухтасар дар бораи созмонҳои ифротгарою террористӣ, ки ҳамчун омили хатарноки ҷомеаи башарӣ мебошанд, маълумоти умумӣ медиҳем. Мисоли равшани чунин созмону ҳаракатҳои барои фазои анъанавии динии Тоҷикистон бегона ва хатарнок Ҳизби таҳрир ва Салафия мебошанд, ки дар даҳсолаҳои аввали замони Истиқлолият бо ин ё он роҳ ба кишвари мо ворид шуда, набзи ҳаёти диниву сиёсии кишварамонро халалдор мекарданд.

Умуман, таҳти мафҳуми "созмон ё ҳаракатҳои исломӣ" қувваҳои гуногунро фаҳмидан мумкин аст. Бархе аз чунин созмону ҳаракатҳо хусусияти экстремистӣ дошта, фаъолияти онҳо дар аксар кишварҳои исломӣ мамнӯъ мебошад. Гурӯҳи дигари чунин созмону ҳаракатҳоро ҳизбу созмонҳое ташкил медиҳанд, ки дар арсаи ҳаёти сиёсии киш-варҳои исломӣ озодона ва бо иҷозати қонун амал намуда, барои бунёди давлат ва ҷомеаи исломӣ, тибқи меъёрҳои шариат идора кардани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ мубориза мебаранд. Аммо дар байни чунин ҳаракатҳо қувваҳои тундрав ва иртиҷоӣ низ вуҷуд доранд, ки онҳо вазъи сиёсиву ҷамъиятиро дар ҳар як кишвар халалдор намуда, барои расидан ба аҳдофи худ аз ҳеҷ гуна роҳу воситаҳо, ҳатто аз террор ва зӯроварӣ низ рӯ намегардонанд. Маҳз ҳамин гуна қувваҳои тундрав ва иртиҷоӣ мебошанд, ки барои ба даст овардани аҳдофи сиёсии худ раванди ососиштаи ташаккул ва такомули ниҳодҳои демократӣ дар кишварҳои исломиро халалдор сохта, кишварҳои исломиро ба вартаи буҳронҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ таҳрик медиҳанд.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки муборизаи сиёсии созмону ҳаракатҳои тундраву ифротгаро омили нахустини буҳронҳо ва муташанниҷ шудани вазъи сиёсиву иҷтимоӣ дар кишварҳои исломӣ маҳсуб мешавад. Гуфтан мумкин аст, ки ин омил ҳанӯз дар нахустин асри исломӣ, аниқтараш пас аз реҳлати пайғамбар (с), дар давраи хулафои рошидин зуҳур намуда, баъдан торафт шиддат гирифтааст ва дар замони муосир низ яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи пешрафти кишварҳои исломӣ ба шумор меравад.

Аз ин шарҳи мухтасари ифротгароии динӣ бармеояд, ки экстремизм дар навъҳо ва шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Яъне, ифротгароӣ аз рӯи мазмун динӣ ва дунявӣ, аз рӯи зуҳурот ҳудудӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ шуда метавонад. Нигоҳи ифротгароӣ хеле решаи чуқур дошта, он ҳеҷ гоҳ ҳудуд ё дину миллат надорад ва ҳудуди ягон мамлакатро эътироф намекунад. Терроризм низ яке аз шаклҳои мураккабтарини он ба ҳисоб меравад.

Терроризм дар инкишофи таърихии инсоният ҳодисаи нав набуда, ҳанӯз аз замонҳои қадим бо ин усул қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва ҷамъиятӣ барои ҳокимият талош дошта, даст ба зӯрӣ, даҳшат овардан ва тарсонидани одамон мезаданд. Қувваҳои гуногун терророро ҳамчун василаи мубориза бар зидди рақибони хеш медонистанд. Ҳатто дар андешаҳои муҳаққиқони аҳди қадим, аз ҷумла Ксенофон, террор дар мисоли воситаи самараноку мусбати мубориза бар зидди рақибон дониста мешуд. Аммо дар аҳди қадим мафҳуми "террор" дар маънои расмиаш истифода намегардид.

Дар асрҳои миёна бошад, дар кишварҳои аврупоӣ терроризм ҳамчун шакли махсуси муборизаи сиёсӣ баҳри ҳимоя аз манфиатҳои давлатӣ ва калисою ҳокимияти динӣ мақоми махсус пайдо намуда буд. Худи амали қатли расмии ҷинояткорон дар кадом шакле, ки набошад, бо мақсади тарсонидани одамон ва табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ воқеӣ гардонида мешуданд.

Зӯригарии канора, ки бо мафҳуми "террор" ифода карда мешавад, дар замони нав дар таърихи сиёсии Фаронса бештар рух додааст. Ҷонибдорони ислоҳот тавассути террор ҳимояи манфиатҳо ва озодиҳои шахсро воситаи самараноки муборизаи сиёсӣ медонистанд. Аммо баъдтар зери мафҳуми мазкур амалҳои манфӣ дониста мешуд ва терророро ҳамчун ҷиноят бар зидди ҳукумат муаррифӣ менамуданд. Яъне, аз охири асри 18 сар карда, мафҳуми "террор" дар маънои манфӣ истифода мегардад.

Махсусан, дар замонҳои нав ва навтарин терроризм хусусиятҳои иртиҷоиро пайдо намуд. Террористон барои тарсонидани аҳли ҷомеа ва ҳокимон даст ба куштори одамони бегуноҳ мезаданд. Террор воситаи асосии мубориза барои ба даст овардани ҳокимият, барои ҳимояи манфиатҳои гурӯҳӣ, қавмӣ, этникӣ, нажодӣ ва ғайраҳо гардид.

Террор яке аз воситаҳои асосию паҳнгаштатарини муборизаи замони инқилоб ва аксулинқилобҳо ба шумор меравад ва ҷомеаро дар давраҳои модернизатсияи сиёсии моҷарогароӣ ва муқовиматҳои иҷтимоӣ қавӣ менамояд. Дар ин замон муҳим нест, ки аввалин шуда кадом ҷониб ва ё кӣ даст ба истифодаи зӯрии канораю ғайриқонунӣ мезанад. Аҳаммияти асосиро сатҳи муқовимати қувваҳои сиёсӣ ва маданияти сиёсии онҳо ташкил медиҳад. Чуноне ки таҷрибаи мамлакатҳои гуногуни олам нишон медиҳад, дар ҳолати мазкур неруҳои террористӣ фақат кӯшиши нобуд намудани рақиби худро мекунанд.

Дар олами муосир шумораи аниқи гурӯҳҳо ё ташкилотҳои террористиро муайян намудан ғайриимкон аст. Зеро иттиҳодияҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳадафҳо ва фаъолияту амалашонро махфӣ медоранд. Набудани меъёру қоидаҳои асосию умумии муносибат ба иттиҳодияҳои террористию экстремистӣ корро мушкил мегардонад. Аммо ташкилотҳои калонтарини террористон хоҳу ноҳоҳ аз худ дарак медиҳанд ва мунтазам ба амалҳои террористӣ даст мезананд. Дар шароити ҳозира бештар дар бораи як қатор ташкилотҳои номдори террористӣ андешаҳо иброз менамоянд ва амалҳои зидди террористӣ низ асосан муқобили онҳо нигаронида шудаанд. Онҳо иборат аз Ал-Қоида, Ҷамоа-ал-исломия (Миср), ЕТА ("Ватан ва озодии баскӣ"), Ҷунбиши мухолифати исломии Ҳамос, Ҳизби исломии Туркистон (Ҳаракати исломии Ӯзбекистон) ва ғайра мебошанд.

Дарвоқеъ, сернуфузтарин ташкилоти терроризми байналхалқии муосир "Ал-Қоида" мебошад. Террористони гурӯҳи мазкур новобаста ба оне ки бештар дучори таъқиб ва амалҳои зидди террористии коалитсияи байналхалқӣ қарор доранд, тадриҷан пурқудрат мешаванд. Ба он гурӯҳҳои дигари террористӣ низ ҳамроҳ гардидаанд.

Аз лиҳози таҷрибавӣ терроризм оқибатҳои харобиовар дорад. Тибқи нишондоди маълумоти умумии оморӣ, дар олам оид ба амалиётҳои террористӣ ва оқибатҳои фоҷиабори он иттилое мавҷуд нест. Аммо маълумотҳо оид ба кишвару минтақаҳои алоҳида арзи ҳастӣ доранд. Амалиёти терроризми байналхалқӣ тақрибан 5-10 фоизи амалҳои террористии ҷиноятиро ташкил медиҳанд;. Аз соди 1976 то соли 1996 ба ҳисоби миёна аз 320 то 660 амалиёти террористии байналхалқӣ рух додааст. Шумораи қурбониёни амалҳои террористӣ рӯз то рӯз меафзояд. Сатҳи мудҳишият ва ваҳшоният авҷ мегирад. Фақат солҳои 1994-1995 мутаносибан 423 ва 440 нафар одамон қурбони дасисаҳои террористон гаштанд.

Терроризм, махсусан даҳсолаҳои охир оқибатҳои зиёди харобиовар ва талафоти зиёди ҷонӣ аз худ боқӣ гузошта, монеаи ташаккули ҷомеаи ороми башарият гардидааст. Бахусус, Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, нисбат ба ин ҳодисаи манфури ҷомеа бетараф намебошад. Сари ин масъала ҳамарӯза Ҳукумати кишварамон андеша дошта, онро дар madди аввал гузошта, сармашқи фаъолияти хеш қарор додааст.

Воқеан, таъсир ва ташаккули равияи террористӣ ба фазои ҷаҳони ислом таҳдид намуда истодааст. Ҳаёти кишварҳои мусулмонӣ имрӯз нишон медиҳад, ки таъсис додани ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро дар минтақа ва дастгирӣ ёфтани онҳо аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ як мушкилоти сарбаста шудааст. Пайванд кардани фаъолияти ин ҳизбу ҳаракатҳо бо ислом масъаларо боз ҳам мураккабтар мегардонад. Бинобар ин, дар чунин вазъият моро зарур аст, ки арзишҳои миллӣ ва динӣро ҳифз намуда, нақши онҳоро дар ҳаёти ҷомеа муайян созем.

***З. Акрамов,***
***курсанти курси 4 факултети №2***

**Дар доираи "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", ҳамчунин, бо мақсади ҷалби харҷи бештари сайёҳон, пешниҳод мегардад, ки ба шаҳрвандони давлатҳои хориҷие, ки ҳуқуқи бо тартиби содда гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, раводиди навъи сайёҳии бисёркарата дода, муҳлати он то 60 рӯз дароз карда шавад.**

**Илова бар ин, бо мақсади соддагардонии рафтуомади ҳамватанони бурунмарзие, ки зодагони Тоҷикистон мебошанд, раводиди бисёркаратаи сесола дода шавад.**

**Аз Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ**

# Макони сайру сайёҳат

Тоҷикистон бо кӯҳҳои осмонбӯс, меваҷоти пуршаҳду шакар, шаршараву рӯдҳо, марғзорони сабзу хуррам, олами рангоранги ҳайвоноту наботот, гиёҳҳои шифобахш ва кӯшку қасрҳои қадима барои ривоҷу равнақи намудҳои гуногуни сайёҳӣ заминаи хуб дорад.




Маҳз ба ҳамин хотир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон намуданд, ки самараи дилхоҳ ба бор овард. Аз ин рӯ, бахри рушду пешрафти бештари соҳа, инчунин, инкишофи инфрасохтори деҳот Сарвари давлат зимни ироаи Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ солҳои 2019-2021 ҳамчун "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон карданд. Дар иртибот ба ин чунин иброз доштанд: "Мақсад аз ин пешниҳод амалигардонии талошҳои Ҳукумати мамлакат ба хотири боз ҳам обод кардани Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани инфрасохтор, пеш аз ҳама дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин кардани аҳолии деҳот бо оби босифати ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳали аҳолинишин мебошад".



Вобаста ба амалисозии ин ҳадафҳо имрӯзҳо дар гӯшаву канори гуногуни Ватани маҳбубамон корҳои ободонӣ вусъати тоза гирифтаанд. Садҳо иншооти зебову муосир ва корхонаҳои истеҳсолӣ бунёд мешаванд ва дар баробари ин, садҳо километр роҳҳои маҳаллӣ мавриди таҷдиду навсозӣ қарор гирифтаанд, ки рӯз то рӯз симои кишварро ҳусни дигар мебахшанд. Натиҷаи ҳамин созандагиву бунёдкориҳост, ки ташрифи сайёҳон ба диёри офтобрӯ ва ҳамешасабзи мо беш аз пеш меафзояд. Агар соли 2018 ба Тоҷикистон зиёда аз 1 миллион сайёҳ омада бошад, пас тайи нуҳ моҳи аввали соли равон шумораи онҳо, аллакай, марзи 900 ҳазор нафарро гузаштааст.

Ин ҳанӯз оғози кор аст ва бо итминони комил метавон гуфт, ки дар амри боз ҳам ободу зебо гардондани Меҳани азизамон тамоми сокинони кишвар саҳми арзанда мегузоранд ва он замон дур нест, ки Тоҷикистон дар олам яке аз мамлакатҳои пешрафтаи сайёҳӣ шинохта шавад. Зеро мақсад аз ин бунёдкориву созандагиҳо баланд бардоштани некуаҳволии мардум ва дар маҷмӯъ, ба мамлакати мутараққӣ табдил ёфтани Ватани маҳбубамон мебошад.

*Муҳаммадҷон Содиқов,*
*курсанти курси 3 факултети №6*

# Китобҳои тозанашр




**Ҳайдарзода Д.П. Омодагии сафороӣ: дастури таълимӣ-методӣ. - Душанбе: Академияи ВКД, 2019. - 202 с.**

Дар дастури таълимӣ-методӣ мавзӯъҳо доир ба асосҳои методикаи омодагии сафороӣ, сафҳо ва идораи онҳо, машқҳои сафӣ, ҳаракати бесилоҳ ва босилоҳ, мураттабсозии сафороии отделение, взвод, рота ҳангоми ҳаракати пиёда ва дар мошинҳо, муоинаи сафӣ ва дигар масъалаҳои ташкилй вобаста ба тайёрӣ ва гузаронидани машғулиятҳои сафороӣ баррасӣ гардидаанд.

Дастури мазкур оид ба азхуд намудани донишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба омодагии сафороӣ воситаи манфиатпазир ба ҳисоб рафта, барои хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омӯзгорон ва шунавандагону курсантони муассисаҳои таълимии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ тавсия карда мешавад.

**Сатторзода А.С., Саидов Ф.М. Бехатарии ҳаёт ва фаъолият: курси мухтасари лексияҳо. - Душанбе: Эр-Граф, 2019. - 128 с.**




Дар курси мазкур маҷмӯи лексияҳо аз фанни "Бехатарии ҳаёт ва фаъолият" таълиф гардидаанд. Лексияҳо дар асоси талаботи барномаи таълимии фаннӣ омода шуда, дар он низоми амалкунандаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарчашмаҳои илмию таълимӣ ва бехатарии муҳофизати меҳнат аз воситаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилӣ, гигиенӣ, табобатӣ ва пешгирии ҳодисаҳои ноҳуш иборат аст, ки дар асоси санадҳои меъёрӣ амал карда, бехатарии ҳифзи саломатӣ ва қобилияти кории инсонро дар ҷараёни меҳнат таъмин мекунанд.

Курси мухтасари лексияҳо барои курсантон, шунавандагон, омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои таълимӣ оид ба муҳайё сохтани шароити хуби корӣ ҳангоми фаъолият ва пешгирии ҳодисаҳои ноҳуш, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар як фарди ҷомеа ба ҳисоб меравад, таҳия карда шудааст.

***Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр***



**МУАССИС:**
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Раҳимзода Р.Ҳ.**
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Шарифзода Ф.Р.**
*Сардори Академияи ВКД*

**Кабирзода Ҷ.Ҳ.**
*Муовини аввали сардори Академияи ВКД*

**Саидзода З.А.**
*Муовини сардори Академияи ВКД*

**Ализода А.Ш.**
*Муовини сардори Академияи ВКД*

*САРМУҲАРРИР:* **Умеди Олим**

*СУРАТГИР:* **Шавкат Убайдуллоев**

*ТАРРОҲ:* **Муҳаббат Рашидова**

Барои истифодаи матолиби нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе матолибро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд.
Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0383/рз аз 24 августи соли 2015 ба қайд гирифта шудааст.

**НИШОНӢ:**
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

**Телефонҳо:**
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха